**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қосимов Файзалӣ Махмадович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-чустучӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар пешрафти халқу миллатҳо нақши асосӣ дорад. Алҳол дар ҷумҳурӣ соҳаеро ёфтан мушкил аст, ки оид ба вазъи ҳуқуқии он санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул нашуда бошад. Ин гуфтаҳо, аз ҷумла, ба самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ дахл дорад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии фарогири ҷиҳатҳои мушаххаси ҷалбкунӣ, пешбурд ва ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ, истифодабарии натиҷаҳои пешқадаму самарабахши он дар фаъолияти муосири мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амният ва дигар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар давлат бахри таҳкими истиқлолияти он бармеояд, ки махфӣ ва пӯшида будаанд ва қисмати зиёди шаҳрвандон аз натиҷаи амали фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳимояи манфиатҳои давлат, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд огаҳӣ надоштанд.

Дар ҷаҳони имрӯза теъдоди зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қабул шудааст, ки онҳо тамоми ҳуқуқу озодиҳоро дар бар гирифтаанд ва кафолат медиҳанд.. Аз ин рӯ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон дар ҷомеа шарт ва зарур аст. Бо ин мақсад таҳлили мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», аз ҷониби муаллиф сариваќтӣ буда, аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад.

Мубрам будани мавзӯъ дар автореферати диссертатсия бо тариқи мукаммал баён гаштааст.

**Муаллиф дар сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ** олимони ватанӣ ва хориҷиеро, ки оид ба паҳлуҳои гуногуни фарҳанги ҳуқуқи инсон таҳқиқот бурдаанд, номбар кардааст.

Автореферати диссертатсия ба таври дақиқ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро муайян намудааст. Муаллиф ба мафҳуми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва чорабиниҳои он таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, омилҳои таъсиррасон ба пешрафти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ошкор сохтааст. Барои ноил шудан ба мақсади тадқиқот муаллиф якчанд вазифаҳои дикикро мавриди таҳлили илмии худ қарор додааст. Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки вазифаҳои гузошташуда сарбаландона ба иҷро расонида шудаанд.

Навгонии илмии рисола асосан дар хулосаҳои илмӣ, маҷмӯи пешниҳод ва нуктаҳои илмие, ки муаллиф ба ҳимоя пешкаш сохтааст, ифода меёбад.

Нуктаҳои асосие, ки аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, аз инҳо иборат мебошанд:

**Якум,** муаллиф таҳқиқоти ҷанбаи таърихию ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистонро, ки таърихи хеле қадима дошта, танзими ҳуқуқии ин фаъолият барои ташаккулу рушди санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат аҳамияти бузурги илмӣ дорад, мантиқан дар низоми давлатдории тоҷикон таҳқиқ кардааст.

**Дуюм,** муаллиф даврабандии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро аз аҳди қадим то даврони Истиқлолияти давлатӣ пешниҳод карда, сохтори онро муайян намудааст, ки ин дар таҷрибаи илми ватанӣ воқеан навгонии илмӣ маҳсуб меёбад.

Сеюм, муаллиф муайян намудааст, ки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қисми таркибии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад. Ҳамзамон хусусиятҳои фарқкунандаи онро баён намуда, таснифоти онро гузаронидааст.

**Чорум,** муаллиф ташаккули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, ки таърихи тӯлонӣ дорад, таҳлил намуда, ҷанбаҳои гуногуни ниҳоди доруға, миршаб, шаҳна, аҳдос, иҳтисоб, ки таи асрҳои

гузашта таъмини амниятро бар ӯҳда доштанд, муайян намудааст, ки чунин пешниҳод аз нигоҳи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар таҷрибаи илми ватанӣ бори аввал аст.

**Панҷум,** аз рӯи мавқеи муаллиф дақиқан муайян мегардад, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун фаъолияти ба таври ошкоро ё ғайриошкоро асос ёфта, аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи салоҳияти худ, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба танзим медарорад ва барои таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ равона шудааст.

**Шашум,** муаллиф сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро навъе аз фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии давлат, ки аксари кишварҳо дар якҷоягӣ бо мақомоти байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ, аз қабили Интерпол ва Европол аз он ба таври васеъ истифода мебаранд. ҳисобидааст, ки дар маҷмӯъ барои барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд хизмат мекунад.

**Ҳафтум,** мафҳум ва таснифоти девони Соҳиб-ул-барид дар байни дигар девонҳои давлати Сомониён, дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки танҳо ба ин девон хос аст ва аз салоҳияти дигар девонҳо тафовут дорад.

**Ҳаштум,** муаллиф мавҷудияти шаклҳои асосии татбиқи сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ҳуқуқэҷодкунӣ, тарбия ва таълими ҳуқуқӣ муайян намудааст.

Аз рӯи мавзӯи рисола муаллиф дар конференсияҳои гуногун баромад намуда, 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расонидааст.

Сохтори рисола аз муқадима, ду боби фарогири панҷ зербоб, хулоса, номгӯи адабиёт (маъхазҳо) ва ихтисорҳои шартии истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми тадқиқоти диссертатсионӣ «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: мафҳум, моҳият, аҳамият ва давраҳои ташаккул ва рушди он дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат аст, ки дар онҳо

таърихи мухтасари ташаккули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мафҳум, мазмун, таснифот, функсия ва таносуби фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар самти ҳуқуқӣ ва нақши чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ошкорсозии ҷиноят ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: давраи пеш аз шӯравии Тоҷикистон, замони шӯравии Тоҷикистон ва замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон» унвон шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур муаллиф масъалаҳои зеринро таҳлил намудааст: «Рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар таърихи давраи пеш аз шӯравии Тоҷикистон», «Хусусияти ташаккул ва инкишофи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар замони Тоҷикистони шӯравӣ», «Тоҷикистони пасошӯравӣ ва хусусияти хоси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»

Дар хулоса натиҷаҳои бадастоварда ва таклифу пешниҳодҳои судманд пешкаш шудаанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Қосимов Ф.М. шаҳодатгари он аст, ки рисолаи илмии ӯ тадқиқоти илмӣ-тахассусиест, ки барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аз аҳамият холӣ нест.

Дар қатори дастовардҳои мусбат ва илман асосноки рисолаи тақризшаванда аз нигоҳи мо баъзе ҳолатҳои баҳсноке низ ҷой доранд, ки дар ҷараёни ҳимоя аз ҷониби муаллиф асосноксозиро талаб менамоянд, чунончӣ:

1.Дар зербоби аввали ин боб –**«Маҳфум, моҳият ва аҳамияти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон»** назари иҷтимоие ба вазъи сиёсию фарҳангии ҷомеаи баъд аз исломии сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон шудааст. Пас аз зуҳури дини ислом ва суқути давлати Сосониён дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон таҳаввулоти зиёде дар арсаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад (саҳифаи 12). Агар муаллиф иқтибосҳо аз Эъломияи Куруши Кабир ва дигар сарчашмаҳои таърихиро дар автореферат пешниҳод мекард, мавқеи ӯ боз ҳам асоснок ва мустанад мегардид.

2.Дар зербоби дуюми боби дуюм муаллиф ба сифати субъектҳои сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдори давлатӣ, институтҳои дигари давлатӣ ва ҷамъиятиро дохил менамояд (саҳифаи 15). Оё халқ ё шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти сиёсати фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шуда наметавонанд? Чун сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон Конститутсия дониста мешавад, ки он аз ҷониби халқ қабул мегардад.

Ҳолатҳои зикргардида баҳснок буда, аҳамияти илмӣ, амалӣ ва баҳои баланд ва мусбати тадқиқоти дисертатсионии мазкурро паст намекунад. Бо назардошти матни автореферат муайян намудан мумкин аст, ки он ифодакунандаи мазмуну муҳтавои рисола буда, ба талаботи навиштани чунин корҳои илмӣ ҷавобгу мебошад. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки муаллиф аз уҳдаи баррасӣ ва таҳқиқи масъалаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, хулосаҳои зарурӣ ва асосноки илмиро вобаста ба фарҳанги ҳуқуқи инсон пешниҳод намудааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи унвонҷӯ дар доираи меъёру ченакҳои илмӣ навишта шуда, ҷавобгӯи талаботи зарурӣ аст ва муаллифи он Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дар соҳаи ихтисоси 12.00.01. – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ хизмат намудааст ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси мазкур сазовор мебошад.

**Мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Каримов А.Қ.**

**Имзои Каримов А.Қ.- ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдуалимзода И.И.**

«28» ____04____ 2020 с.